**ҚОИДАҲОИ ИШТИРОК ДАР ВИКТОРИНАИ «Telecom Quiz» аз КП-ри Нуркод**

Қоидаҳои иштирок дар Викторинаи «Telecom Quiz» (минбаъд – «Викторина»), аз ҶДММ «Нуркод» (минбаъд Ташкилкунанда), ки аз 15 декабри соли 2025 дар Минтақаи хизматрасонии Шабакаи алоқаи мобилии Оператори алоқа – ҶСП «Вавилон Мобайл» (минбаъд - Оператор), ки хизматрасониҳои алоқаро таҳти тамғаи молии (тамғаи хизматрасонӣ) «Babilon-Mobile» пешниҳод намуда, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир аст, ташкил ва гузаронида мешавад.
Қоидаҳои мазкур (минбаъд дар матн – «Қоидаҳо») оферта (минбаъд дар матн – «Оферта») мебошад, ки ба Муштариёни ҶСП «Вавилон-Мобайл» равона шудааст. Истилоҳоте, ки дар Қоидаҳои мазкур истифода шудаанд, ба истилоҳоте, ки дар Шартнома истифода шудаанд, мувофиқат мекунанд, агар дар Қоидаҳои мазкур ба таври дигар пешбинӣ нашуда бошад.

**Боби 1. Ташкили Викторина**

1.1. Викторина дар асоси обуна амалӣ карда мешавад ва барои Муштариён пулакӣ аст.
1.2. Мукофотҳо мувофиқи шартҳои дар банди 3.5-и Қоидаҳои мазкур дарҷшуда, супорида мешаванд.
1.3. Давомнокии Викторина 2 моҳ мебошад. Ҷамъбаст дар давоми 10 (даҳ) рӯз, пас аз анҷоми Викторина мувофиқи Қоидаҳои мазкур гузаронида мешавад. Мукофотонидани ғолибон пас аз анҷоми Викторина дар давоми 30 (си) рӯзи тақвимӣ бо тартиб ва шартҳои пешбинишудаи Қоидаҳои мазкур амалӣ карда мешавад.

**Боби 2. Иштирокчиёни Викторина**

2.1. Иштирокчиёни Викторина (минбаъд – «Иштирокчиён») метавонанд шахсони воқеие бошанд, ки Муштариён ба ҳисоб мераванд ва хоҳиши иштирок дар Викторинаро бо ёрии фармони USSD: *1166# изҳор намудаанд.

2.2. Иштироки кормандон, намояндагон ва аъзои оилаи онҳо ва намояндагони Оператор/ Ташкилкунанда дар Викторина манъ аст.
2.3. Ба Иштирокчиён, ҳангоми иштирок дар Викторина манъ аст:
- истифодаи ҳама гуна таҷҳизот, ба ғайр аз дастгоҳи муштарӣ, ки телефони мобилӣ (минбаъд – «телефони мобилӣ») бо SIM-корти Оператор мебошад;
- истифодаи ҳама гуна воситаҳои нармафзор, аз ҷумла воситаҳое, ки дар телефони мобилӣ насб шудаанд, ба ғайр аз воситаҳои нармафзоре, ки аз ҷониби Ташкилкунанда ё Шарики он таҳия шудаанд;
- истифодаи воситаҳои нармафзоре, ки аз ҷониби Ташкилкунанда ё Шарики он таҳия шудаанд ва барои иштирок дар Викторина пешбинӣ шудаанд, дигаргунсозӣ бо дилхоҳ усул, аз ҷумла тавассути дахолат ба рамзи нармафзор;
- ҳама гуна усулҳо ва воситаҳои дигари автоматикунонии раванди иштирок дар Викторина.

2.4. Ҳамаи шахсоне, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд ё талаботи бандҳои 2.1-2.3-и Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, набояд дар Викторина иштирок кунанд ва наметавонанд ба гирифтани мукофотҳои Викторина даъво кунанд.
2.5. Дар ҳолати ошкор намудани чунин шахсон аз ҷониби Оператор/Ташкилкунанда дар дилхоҳ рӯзи баргузории Викторина, инчунин ҳангоми ҳамкорӣ бо Иштирокчиён бо мақсади супоридани мукофотҳо, онҳо ҳуқуқи гирифтани мукофотҳои Викторинаро аз даст медиҳанд. Маблағҳои пулие, ки чунин Иштирокчиён вобаста ба иштирок дар Викторина сарф кардаанд, ҷуброн карда намешаванд.

## Боби 3. Тавсифи Викторина

3.1. Викторинаи «Telecom Quiz», ки барои муштариёни ҳамаи Операторони мобилии ҶТ сохта ва гузаронида мешавад, ба муштариён имкон медиҳад, ки дар бозӣ иштирок кунанд, ба саволҳо ҷавоб диҳанд, холҳо ҷамъ кунанд ва мукофотҳоро бурд кунанд.
3.2. Викторина бозии қимор, лотереяи ҳавасмандкунанда ё чорабинии дигаре нест, ки ба хатари гузаронидани бозиҳо ва шартгузориҳо асос ёфтааст. Викторина танҳо хусусияти фароғатӣ ва маърифатӣ дошта, бо мақсади баланд бардоштани таваҷҷуҳи муштариён ба хизматрасониҳои иловагӣ гузаронида мешавад.
3.3. Мукофотҳои Викторина пас аз анҷоми Викторина ба Иштирокчиёне дода мешавад, ки дар рейтинги ниҳоии Викторинаи анҷомёфта ҷойҳои якум, дуюм, сеюм, чорум ва панҷумро ишғол кардаанд (минбаъд – «Ғолибон»), дода мешаванд.
3.4. Мукофотҳо мувофиқи фонди муқарраршудаи мукофотӣ, ба ҳар як ғолиби Викторина, ки миқдори зиёди холҳоро ҷамъ овардааст дода мешаванд.
3.5. Фонди мукофотӣ:

- Ҷои 1-ум: MackBook Air;
- Ҷои 2-юм: Iphone 17 ProMax;
- Ҷои 3-юм: Рақами зебои «Вавилон-Мобайл» дар дараҷаи «Тиллоӣ+»;
- Ҷои 4-ум: Рақами зебои «Вавилон-Мобайл» дар дараҷаи «Тиллоӣ»;
- Ҷои 5-ум: Рақами зебои «Вавилон-Мобайл» дар дараҷаи «Нуқрагӣ+»;

.

3.6. Пас аз фаъолсозии хизматрасонӣ, аз муштарӣ 1,50 TJS /рӯз,– пардохти ҳаррӯза, бо назардошти ҳамаи андозҳо, барои обуна ба Викторина ситонида мешавад. Инчунин муштарӣ метавонад бастаи иловагиро аз 5 SMS бо нархи 2,50 сомонӣ харидорӣ намояд. Дар як рӯз муштарӣ на бештар аз 5 дархости иловагӣ харидорӣ карда метавонад.
3.7. Миқдори саволҳо дар як рӯз: муштарӣ 3 SMS бо савол мегирад.
3.8. Тавсифи холҳо – ин миқдори умумии саволҳое мебошад, ки ба онҳо дуруст ҷавоб дода шудааст, ва ин холҳо пас аз анҷоми Викторина бекор карда мешаванд. Ба ҳар як ҷавоби дуруст +10 хол ҳисоб карда мешавад.

3.9. Системаи холҳо.

| Меъёр | Мантиқ |
|---|---|
| Меъёри асосӣ | Миқдори баландтарини<br>шумораи холҳое, ки дар давоми тамоми давра ҷамъ оварда шудаанд. |
| Тай-брейк | Дар ҳолати баробар будани миқдори холҳо, ғолиб шахсе ҳисобида мешавад, ки натиҷаи ниҳоиро тезтар ба даст овардааст (аз рӯи сана<br>ва вақти фиристодани ҷавоби охирин). |
| Гузаронидани бонус | Баробари фаъолсозӣ (дар рӯзи аввал) ба муштарӣ +50 балли ибтидоӣ (якбора) гузаронида мешавад. |

3.10. Саволҳои иловагӣ.

Саволҳои иловагӣ – ин имкони гирифтани 5 SMS-и иловагӣ бо саволҳо мебошад, ки арзиши ҳар як бастаи иловагӣ 2,50 TJS -ро ташкил медиҳад. Дар як рӯз на бештар аз 5 маротиба саволҳои иловагиро харидорӣ намудан мумкин аст.

Боби 4. Тартиби гузаронидани Викторина

4.1. Иштирокчиёни Викторина, дар давоми ҳар як рӯзи викторина, ҳар рӯз 3 саволро тавассути SMS-паёмакҳо аз рақами кӯтоҳи 1166 мегиранд. Вазифаи Иштирокчиён аз он иборат аст, ки ба саволҳо дақиқ ва ҳарчи зудтар ҷавоб диҳанд.
4.2. Барои иштирок дар Викторина Муштарӣ бояд тавассути фиристодани USSD-дархост ба рақами хизматрасонии *1166# (минбаъд – USSD-дархостҳо) обуна шавад. Агар Муштарӣ амалҳои заруриро барои обуна ба Викторина иҷро карда бошад, аммо дар тавозуни Ҳисоби шахсии ӯ дар шабакаи алоқа барои пардохт маблағи кофӣ набошад, обунаи чунин Муштарӣ ба расмият даровarда мешавад (вале ӯ дар Викторина иштирок намекунад). Ҳангоми пайдо шудани маблағи пулӣ дар Ҳисоби шахсии чунин Муштарӣ, ки барои пардохти обуна зарур аст, ба муштарӣ барои иштирок дар Викторина саволҳо фиристода мешаванд.

4.3. Пас аз тасдиқи обунаи Муштарӣ пардохти ҳаррӯзаи ӯ ба андозаи 1,50 TJS бо назардошти тамоми андозҳо, аз суратҳисоби ӯ барои иштирок дар Викторина ситонида мешавад. Дар ҳолати нокифоя будани маблағи пулӣ дар Ҳисоби шахсии Иштирокчӣ барои пардохти рӯзи ояндаи Викторина, ӯ дар он иштирок намекунад. Иштироки чунин Муштарӣ дар Викторина пас аз пур кардани Ҳисоби шахсии ӯ ва оғози рӯзи навбатии Викторина ба таври худкор барқарор карда мешавад.

4.4. Барои Ғолиби Викторина шудан ва даъвои гирифтани Мукофот кардан, Иштирокчиён бояд ҳар рӯз ба саволҳо ҷавоб диҳанд ва онро дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин анҷом диҳанд. Барои интихоби варианти ҷавоб ба савол, Иштирокчиён рақами ҷавоби дурустро дар посух ба SMS-и воридшуда мефиристанд. Ҷавоб ба саволи рӯзи Марҳила то анҷоми рӯзи тақвимии дахлдор (23:59:59 бо вақти маҳаллӣ) қабул карда мешавад.
4.5. Дар давраи гузаронидани SMS-Викторина ба Иштирокчиён SMS-паёмакҳо аз рақами кӯтоҳи 1166 бо саволҳо, аз ҷумла паёмакҳое, ки обунаро ба SMS-викторина тасдиқ мекунанд ва аз рӯи дархостҳои муштариён огоҳ мекунанд, фиристода мешаванд.
4.6. Агар Иштирокчӣ хоҳиши идомаи иштирок дар Викторинаро надошта бошад, ба ӯ кифоя аст, ки аз обуна даст кашад. Барои ин, бояд USSD-дархости зеринро фиристад: *1166*00#.
Иштирок дар Марҳилаи Викторина дар ин ҳолат қатъшуда ҳисобида мешавад ва натиҷаи ҷории Иштирокчӣ аз рейтинги Викторина нест карда мешавад.

4.7. Фармонҳои Викторина:
Фармонҳо (SMS)

| |
|---|
| Обуна ба хизматрасонӣ: SMS-паёмак ба рақами 1166 ирсол намоед: "1" |
| Қатъиобуна ба хизматрасонӣ: SMS-паёмак ба рақами 1166 ирсол намоед: "0" |
| Саволҳои иловагӣ: SMS-паёмак ба рақами 1166 ирсол намоед: "2" |
| Санҷиши холҳои гирифта: SMS-паёмак ба рақами 1166 ирсол намоед: "3" |
| ТОП бозингарон: SMS-паёмак ба рақами 1166 ирсол намоед: "4" |

Боби 5. Рейтинги Иштирокчиён ва қоидаҳои муайян кардани Ҷоизадорон

5.1. Пас аз анҷоми SMS-Викторина, дар асоси дурустии ҷавобҳои ҳар як Иштирокчӣ ва вақти барои ҷавоб сарфшуда, рейтинг таҳия мешавад. Пас аз анҷоми ҳар як Марҳила маълумоти рейтингҳои ҳаррӯза барои ҳар як Иштирокчӣ ҷамъбаст карда мешавад ва рейтинги ниҳоӣ ташаккул мeёбад, ки дар асоси он Ғолибонии Викторина муайян карда мешаванд.
Бо мақсади ташаккул додани рейтинги ҳаррӯза, Иштирокчиёние, ки ба саволи рӯзи Викторина ҷавоб надодаанд, ҳамчун додани ҷавоби нодуруст ба назар гирифта мешавад. Ҳангоми муайян кардани вақти аз ҷониби Иштирокчӣ барои ҷавобҳо дар ҳар як рӯзи Марҳила сарфшуда, давраи вақт аз лаҳзаи ҷавоби аввалини Иштирокчӣ ба саволи воридшуда то лаҳзаи ҷавоб ба саволи охирини Викторина дар ин рӯз ба назар гирифта мешавад. Ҳисоби вақт бо дақиқии то як миллион сония чен карда мешавад. Ҳангоми ташаккул додани рейтинги ниҳоии Викторина, дар ҷои аввал дурустии ҷавобҳо ба саволҳои Викторина ва дар ҷои дуюм суръати ҷавобҳо ба назар гирифта мешавад. Ин маънои онро дорад, ки Иштирокчие, ки дар нимаи аввали рӯз ба саволи Викторина дуруст ҷавоб додааст, дар рейтинги баландтар нисбат ба Иштирокчие, ки ба саволи Викторина дуруст ҷавоб додааст, аммо инро дар нимаи дуюми рӯз анҷом додааст, ҷой мегирад.

Боби 6. Шартҳо ва қоидаҳои гирифтани мукофотҳои Викторина

6.1. Пас аз ҷамъбасти Викторина ба Ғолибон SMS-паёмак бо огоҳии супоридани мукофотҳо фиристода мешавад.
6.2. Барои гирифтани мукофотҳо Ғолибон вазифадоранд, ки ба Ташкилкунанда дар давоми 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи ҷамъбасти Викторина маълумоти шиносномавии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла маълумот дар бораи ҷои зистро пешниҳод кунанд. Маълумот ва ҳуҷҷатҳои зикршуда аз ҷониби Ғолибон ба Ташкилкунанда ба суроғаи почтаи электронии project@noorcode.tj пешниҳод карда мешаванд. Агар, дар мӯҳлати муқарраршуда Ғолибон ба Ташкилкунанда маълумот ва ҳуҷҷатҳои номбаршударо пешниҳод накунанд, Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад дар бораи насупоридани Мукофотҳои Викторина қарор қабул кунад.

6.3. Иштирокчиёне, ки банди 2.3-и Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, наметавонанд Ғолиб шаванд. Асос барои хулосаи Ташкилкунанда дар бораи мавҷуд будани чунин вайронкунӣ инҳо мебошанд:
- фиристодани ҷавоб ба SMS аз ҷониби Иштирокчӣ дар камтар аз 3 сония;
- қонуниятҳои ошкоршуда дар даврияти ҷавобҳо ба саволҳо, аз ҷумла фиристодани ҷавобҳо аз ҷониби Иштирокчӣ дар фосилаҳои баробари вақт ва дигар қонуниятҳо;

- дигар маълумотҳои низоми техникӣ, ки аз ҷониби Ташкилкунанда ва Шарик барои ҳуҷҷатгузории Викторина (логҳо) истифода мешаванд, зеро маълумоти чунин система ниҳоӣ эътироф карда мешаванд ва аз ҷониби Иштирокчӣ мавриди баҳс қарор намегиранд.

Дар ин ҳолат, мукофот ба Иштирокчии дигари Викторина мегузарад, ки дар рейтинги рӯзи дахлдори Викторина баъд аз ӯ қарор дорад.

6.4. Дар ҳолатҳои зерин Ташкилкунанда метавонад ба Ғолибон додани Мукофотҳоро рад кунад:

- Агар Ғолибон бо Ташкилкунанда бо тартиби дар банди 6.2-и Қоидаҳои мазкур пешбинишуда, дар муҳлати муқarраршудаи банди 6.2-и Қоидаҳои мазкур тамос нагирифта бошанд;
- Агар Ғолибони Викторина ба Ташкилкунанда маълумот ва ҳуҷҷатҳои дар банди 6.2-и Қоидаҳои мазкур зикршударо пешниҳод накарда бошанд ё маълумоти нодуруст ва/ё ҳуҷҷатҳои қалбакӣ пешниҳод карда бошанд;
- Агар Ғолибон ба меъёрҳои муайянкунии Иштирокчиёни Викторина, ки дар боби 2-и Қоидаҳои мазкур зикр шудаанд, ҷавобгӯ набошанд.

6.5. Дар ҳолати даст кашидани Ғолиб аз Мукофот, дар муҳлати панҷ руз аз лаҳзаи эълон Ғолиб шудан, ӯ вазифадор аст, ки Ташкилкунандаи Викторинаро тавассути пешниҳоди аризаи хаттӣ дар бораи даст кашидан аз гирифтани Мукофоти Викторина ба идораи наздиктарин барои баъдан ба Ташкилкунанда супоридан, огоҳ намояд. Супоридани Мукофотҳои Викторина дар ин ҳолат ба Ғолиб ё дигар иштирокчии Викторина амалӣ карда намешавад.
6.6. Ҷоизадорон мустақилона барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои андозӣ, вобаста ба гирифтани Мукофотҳои Викторина масъулият доранд.
6.7. Ҳуқуқи гирифтани мукофот ба ҷои Ғолиб бо тартиби муқарраршудаи қонун, дар асоси ваколатнома иҷозат дода мешавад.

Боби 7. Шартҳои дигар
7.1. Муштарие, ки аввалин USSD-дархостро ба рақами хизматрасонии 1166 иҷро мекунад, розигии комил ва бечунучарои худро бо Қоидаҳои Викторина тасдиқ менамояд, кафолат медиҳад, ки ӯ ба синни 18-солагӣ расидааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муштарии Шартномаи бо Оператор басташуда мебошад, инчунин ба дигар меъёрҳои Иштирокчӣ, ки дар боби 2-и Қоидаҳои мазкур зикр шудаанд, мувофиқат мекунад. Фиристодани аввалин USSD-дархост аз ҷониби Муштарӣ ба рақами хизматрасонии 1166 боиси тағйирот ва/ё иловаҳо ба Шартномаи аз ҷониби Оператор бо Муштарӣ басташуда мегардад.
7.2. Қоидаҳои мазкур аз 15 декабри соли 2025 эътибор пайдо мекунанд ва то лаҳзаи тағйир ёфтан ё қатъ гардидани амали онҳо аз ҷониби Ташкилкунанда амал мекунанд. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи дар огоҳиномаи дахлдор зикршуда тағйирёфта ё бекоршуда ҳисобида мешаванд.
7.3. Агар Иштирокчӣ ба суроғаи Ташкилкунанда дар давоми 10 (даҳ) рӯзи корӣ аз лаҳзаи тағйирёбӣ ва/ё қатъи шартҳои Қоидаҳои мазкур мувофиқи банди 7.2-и Қоидаҳои мазкур даст кашидан аз қабули тағйирот ва/ё қатъи шартҳоро нафиристад, инчунин агар ӯ амалҳои идомаи иштирок дар Викторинаро, ки аз ҷониби Ташкилкунанда бо шартҳои нав гузаронида мешавад, пас аз эътибор пайдо кардани тағйирот ва/ё қатъи шартҳо анҷом диҳад, тағйирот ва/ё қатъи шартҳо аз ҷониби Иштирокчӣ қабулшуда ҳисобида мешаванд.

7.4. Бо иштирок дар Викторина, Иштирокчиён розӣ мешаванд:

- ба гирифтани реклама дар шакли SMS- ва USSD-паёмакҳо, ки ба Викторина дахл доранд. Инчунин розӣ мешаванд, ки Ташкилкунанда ва шахсони аз тарафи онҳо бо мақсади гузаронидани Викторина ҷалбшуда, байни худ маълумот мубодила кунанд, аз ҷумла маълумотеро, ки ба иштирок дар Викторинаи Иштирокчиён алоқаманд аст, коркард кунанд (аз ҷумла маълумоте, ки ба маълумоти шахсии Иштирокчиён ва мундариҷаи USSD-дархостҳои Иштирокчиён таалluқ дорад);

- дар ҳолати гирифтани мукофотҳои Викторина, номҳо, тасвирҳо, аз ҷумла аксҳо, мусоҳибаҳо, инчунин маълумоте, ки аз ҷониби Иштирокчӣ ба Ташкилкунанда пешниҳод шудааст, метавонанд аз ҷониби Ташкилкунанда бо мақсади огоҳ намудани шахсони сеюм дар бораи гузаронидани Викторина бе розигии иловагии Иштирокчиён ва бе пардохти ягон мукофот барои ин истифода шаванд.

7.5. Бо иштирок дар Викторина, Муштарӣ розигии ихтиёрии худро барои анҷом додани амалҳо аз ҷониби Ташкилкунанда, инчунин шахсони сеюм, ки аз ҷониби Ташкилкунанда бо мақсади гузаронидани Викторина ҷалб шудаанд, оид ба ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ба шахсони сеюм, коркард ва истифодаи маълумоти шахсии чунин Иштирокчӣ барои амалӣ намудани алоқа бо Иштирокчӣ дар доираи Викторина, аз ҷумла тавассути шабакаҳои алоқаи электронӣ, аз ҷумла канали мубодилаи SMS-паёмакҳо ва почтаи электронӣ, ифода менамояд. Иҷрои чунин амалҳо аз ҷониби Ташкилкунанда ва шахсони аз ҷониби онҳо ҷалбшуда гирифтани ягон иҷозати иловагӣ ва огоҳиҳои махсуси Иштирокчиро дар бораи амалӣ намудани амалҳои

номбаршуда талаб намекунад. Чунин розигии Иштирокчӣ дар давоми давраи гузаронидани Викторина ва 30 (си) рӯзи тақвимӣ пас аз анҷоми он бо қарори Ташкилкунанда ё пас аз хориҷ шудани Иштирокчӣ аз Викторина амал мекунад. Иштирокчии Викторина ҳуқуқ дорад розигии худро бо роҳи аз иштирок дар Викторина бо тартиби муқарраршуда даст кашидан ё бо нишон додани он дар огоҳиномаи пешбинишудаи банди 7.4-и Қоидаҳои мазкур бозхонд намояд.
7.6. Ташкилкунанда барои носозиҳо дар кори таҷҳизот ва/ё нармафзоре, ки дар минтақаи масъулияти Ташкилкунанда қарор надорад, ва/ё қатъи бармаҳали Викторина, ки аз сабаби ҳолатҳои ба Ташкилкунанда вобаста набуда (ҳолатҳои форс-мажор) ба амал омадаанд, масъулият надорад.

7.7. Ташкилкунанда барои иҷро накардани ӯҳдадориҳои худ, ки ба гузаронидани Викторина алоқаманданд, агар чунин иҷро накардан дар натиҷаи нест кардани маълумоти шахсии Иштирокчиён дар натиҷаи бозхонди онҳо аз ҷониби Иштирокчиён ба амал омада бошад, масъулият надорад.
7.8. Иштирокчиён мустақилона ҳамаи хавфҳои вобаста ба риоя накардани шартҳои Қоидаҳои мазкурро ба дӯш мегиранд. Хароҷоте, ки аз ҷониби Иштирокчиён вобаста ба иштирок дар Викторина сарф шудаанд, ба Иштирокчиёне, ки Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, мавриди ҷуброн қарор намегиранд.
7.9. Ташкилкунанда ҳуқуқ дорад супоридани мукофотҳоро рад кунад, агар Иштирокчиёни Викторина бо мақсади ба рӯйхати довталабон барои ба унвони Ғолиби Викторина дохил шудан, Қоидаҳои Викторинаро вайрон карда бошанд ё амалҳои қаллобиро анҷом дода бошанд.
7.10. Иштирокчиёни Викторина, ки ба талабот ҷавобгӯ нестанд ё талаботи бандҳои Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, набояд дар Викторина иштирок кунанд ва наметавонанд ба гирифтани мукофотҳои Викторина даъво кунанд. Дар ҳолати ошкор намудани чунин шахсон аз ҷониби Ташкилкунанда дар ягон марҳилаи баргузории Викторина, аз ҷумла, ҳангоми ҳамкорӣ бо Иштирокчиён бо мақсади супоридани мукофотҳои Викторина, онҳо хуқуқи гирифтани мукофотҳои Викторинаро аз даст медиҳанд.
7.11. Ба иштирокчиён ҳангоми иштирок дар Викторина истифодаи ҳама гуна таҷҳизот, ба ғайр аз дастгоҳи муштарӣ, ки телефони мобилии дорои симкорт (минбаъд – телефони мобилӣ) мебошад, манъ аст.

Боби 8. Маҳдудияти масъулияти оператори алоқаи мобилӣ

8.1. Бо фиристодани SMS-паёмакҳо дар доираи Викторина, Иштирокчиён (муштариён) Операторро ваколатдор мекунанд ва розигии худро ба пешниҳоди маълумоти шахсии Иштирокчӣ (муштарӣ) ба Оператор тасдиқ менамоянд, аз ҷумла: рақами телефон, ки аз он SMS-паёмак фиристода шудааст, насаб, ном, номи падари Иштирокчӣ (муштарӣ), матни SMS-паёмак, инчунин сана ва вақти фиристодани он.
8.2. Оператор имконияти фиристодани SMS-паёмакҳоро танҳо дар доираи минтақаи фарогирии шабакаи Оператор пешниҳод менамояд.

Боби 9. Шикоятҳо ва мухлати амали онҳо

9.1. Бо мақсади роҳ надодан ба вайрон кардани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, гузаронидани Викторина бо риояи қатъии ҳамаи меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи реклама ва ҳифзи хуқуқҳои истеъмолкунандагон амалӣ карда мешавад.
9.2. Ҳама гуна шикоятҳо оид ба гузаронидани Викторина ба e-mail: project@noorcode.tj равона карда мешаванд. Санаи бақайдгирии шикоят санаи гирифтани он ҳисобида мешавад. Иштирокчӣ бояд моҳияти шикоятро ба таври муфассал ва равшан баён кунад. Шикоят бояд насаб, ном ва номи падари Иштирокчӣ, рақами телефони тамос ва рақами телефоне, ки аз он SMS-паёмак фиристода шудааст, мундариҷаи SMS-паёмак, сана ва вақти фиристодани SMS-паёмак, суроғаи электронии Иштирокчиро барои фиристодани ҷавоб ба Шикоят ба ӯ дар бар гирад.

9.3. Дар ҳолати норозигии иштирокчӣ бо дурустии ҷавобҳо ба саволҳои Викторина, иштирокчӣ бояд шикоятро дар шакли хаттӣ баён кунад, ки дорои савол, ҷавоби система, ҷавоби дуруст, ба андешаи ӯ ва истинод ба манбаъҳои расмӣ, ки дар он ин ҷавоб ба саволи гузошташуда нишон дода шудааст, бошад.

9.4. Бо шарти исботи дурустии ҷавоби худ аз ҷониби иштирокчӣ, ба иштирокчӣ 1 (як) холи иловагӣ ба Холҳои умумӣ дода мешавад.

9.5. Ҳамаи шикоятҳо дар давоми 10 рӯз аз рӯзи гирифтани онҳо баррасӣ карда мешаванд.

9.6. Ташкилкунанда шикоятҳоро дар асоси Қоидаҳои мазкур баррасӣ мекунад.
9.7. Ташкилкунанда барои мавҷуд набудани имконияти гирифтани мукофот бо гуноҳи Иштирокчии ғолиби Викторина масъулият надорад.
9.8. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи нашр шудани онҳо дар Веб-сомонаи Оператор: www.babilon-m.com эътибор пайдо мекунанд. Муштариён дар бораи тағйирот ё қатъ гардидани амали Қоидаҳои мазкур тавассути нашр дар Веб-сомонаи Оператор: www.babilon-m.com на камтар аз 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ пеш аз эътибор пайдо кардани чунин тағйирот огоҳ карда мешаванд. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи дар огоҳиномаи дахлдор

зикршуда тағйирёфта ё бекоршуда ҳисобида мешаванд. Агар пас аз эътибор пайдо кардани тағйирот Муштарӣ дар давоми 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи нашр шудани тағйироти Қоидаҳо даст кашидан аз қабули Қоидаҳои тағйирёфтаро ба суроғаи Оператор нафиристад, инчунин иштирок дар Викторинаи «Telecom Quiz»-ро, ки аз ҷониби Ташкилкунанда дар шартҳои нав гузаронида мешавад, пас аз эътибор пайдо кардани тағйирот идома диҳад, чунин тағйирот аз ҷониби Муштарӣ қабулшуда ҳисобида мешаванд.